# Ҳар гоҳ яке аз шумо таҳорат кард, пас обро дар бинии худ биандозад ва сипас онро берун бирезад ва касе, ки баъд аз қазои ҳоҷат бо чизе ғайр аз об ҷои наҷосатро пок кард, онро бо адади тоқ (1 ё 3 ё 5) анҷом диҳад

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Ҳар гоҳ яке аз шумо таҳорат кард, пас обро дар бинии худ биандозад ва сипас онро берун бирезад ва касе, ки баъд аз қазои ҳоҷат бо чизе ғайр аз об ҷои наҷосатро пок кард, онро бо адади тоқ (1 ё 3 ё 5) анҷом диҳад. Ва ҳаргоҳ яке аз шумо аз хобаш бедор шуд, пеш аз ворид кардани дасташ дар оби таҳорataш онро бишӯяд, зеро намедонад шаб дасташ дар куҷо будааст." Ва дар лафзи Муслим омадааст: "Ҳаргоҳ яке аз шумо аз хоб бедор шуд, дасташро дар об наяндозад, то он ки онро се бор бишӯяд, зеро намедонад дасташ шаб куҷо будааст."
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баъзе аз аҳкоми таҳоратро баён намудаанд. Аз ҷумла: Якум: Касе, ки таҳорат мекунад бояд обро ҳамроҳи нафас ба биниаш ворид кунад ва сипас онро бо нафас берун созад. Дувум: Ҳар кас бихоҳад наҷосати аз худ хориҷшударо пок созад ва онро бо чизе ғайр аз об, монанди санг, коғаз ва монанди он дур кунад, бояд ба адади тоқ бошад, ки камтаринаш се ва болотаринаш миқдоре бошад, ки наҷосатро берун ва ҷои онро пок созад. Сеюм: Касе, ки аз хоби шаб бедор шавад, бояд дасти худро ба зарфи оби таҳорат нагузорад, то се бор онро дар беруни зарф бишӯяд, зеро намедонад, ки дасташ шаб дар куҷо будааст ва мутмаъин нест, ки наҷис нашудааст. Ва эҳтимол аст, ки шайтон ӯро бозӣ доронда ва ба чизҳое даст зада бошад, ки барои одамон зарароваранд ё обро фосид мекунанд.

النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY

لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC
E-Da'wah Committee